**5.2.3 (08.00.05) Региональная и отраслевая экономика**
**5.2.3 Иқтисодиёти минтақавӣ ва соҳавӣ**
**5.2.3 Regional and sectoral economy**
***УДК*** *338.242:332.1(575.3)*
***DOI****10.24412/2411-1945-2022-2-62-71*

# *БАЪЗЕ ҶАНБАҲОИ ИНКИШОФИ БОЗОРИ ИСТЕЪМОЛӢ*

***Зубайдов Саидахмад,*** *н. и. тех., дотсенти кафедраи маркетинг ва тиҷорат ДДТТ (Тоҷикистон, Душанбе)*

# *НЕКОТОРЫЕ АСПЕКТЫ РАЗВИТИЯ ПОТРЕБИТЕЛЬСКОГО РЫНКА*

***Зубайдов Саидахмад,*** *канд. тех. наук, доцент кафедры маркетинга и коммерции ТГУК (Таджикистан, Душанбе)*

# *SOME ASPECTS OF CONSUMER MARKET DEVELOPMENT*

***Zubaydov Saidakhmad****, Candidate of technical sciences, Associate Proffessor of the Deapartment of Marketing and Commerce under the Tajic State University of Commerce (Tajikistan, Dushanbe): E-MAIL: zubaydov57@mail.ru*

***Калидвожаҳо****: таҳлили иқтисодӣ, танзими давлатӣ, ҷиҳатҳои инкишофи, бозори ташаккул, рушд, системаи муносибатҳои бозорӣ, комплекси истеъмолӣ*

*Масъалаи ташаккул ва инкишофи комплекси истеъмолӣ таҳлил карда шудааст. Инчунин баъзе ҷиҳатҳои инкишофи бозори истеъмолӣ дида баромада шудаанд. Муайян карда шудааст, ки танзими комплексҳои истеъмолиро худи хусусиятхои фаъолияти он дар системаи муносибатҳои бозорӣ муайян мекунанд. Маҳз, комплекси матлубот бештар ба омилхои бозор таъсир мерасонад ва дар ҳақиқат комилан ба талаботи самарабахши аҳолӣ вобаста аст.*

***Ключевые слова:*** *экономический анализ, потребительский комплекс, аспекты развития, система рыночных отношений, государственное регулирование, формирование, развитие*

*Исследован вопрос формирования и развития потребительского комплекса. Рассмотрены некоторые аспекты развития потребительского рынка. Выявлено, что регулирование потребительского комплекса определяется особенностями его функционирования в системе рыночных отношений. Именно потребительский комплекс в наибольшей степени подвержен влиянию рыночных факторов и, по существу, полностью зависим от платежеспособного спроса населения.*

***Key words:*** *economic analysis, consumer complex, aspects of development, system of market relations, state regulation, formation, development, competition*

*The article presents an analysis of the issue of the formation and development of the consumer complex. Some aspects of the development of the consumer market are considered. It was revealed that the regulation of the consumer complex is determined by the peculiarities of its functioning in the system of market relations. It is the consumer complex that is most susceptible to the influence of market factors and, in fact, is completely dependent on the population's payment solvency.*

Дар шароити муосир истифодаи механизмҳои мувозинати бозори истеъмолӣ бо назардошти таъсири мустақим ва ғайримустақим ба талабот ва пешниҳоду рушди раванди воридотӣ молҳо сурат мегирад.

Бояд зикр намуд, ки дар ин ҷо сухан дар бораи танзими давлатӣ оид ба ташкил ва рушди минбаъдаи низоми маркетинги истеъмолӣ, ҳамчунин равандҳои вобаста ба ҳаракати озоди содирот ва воридоти мол меравад.

Яке аз тафсирҳои ибтидоии бозори истеъмолӣ ин маҷмӯи соҳаҳо ва равандҳои тиҷоратӣ мебошад, ки пешниҳоди молу хизматҳои гуногунро баҳри қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ дар бар мегирад. Ин равандҳо дар навбати худ, бо ташаккули шароити мусоид, ки бо пешрафти иқтисодию иҷтимоии афзоиши иқтидори меҳнатӣ, таъмини сатҳи муътадили зиндагонии аҳолии мамлакат бевосита алоқаманданд, ёрӣ мерасонанд. Бозори истеъмолиро аз лиҳози баровардани молҳои саноатӣ ва ғайрисаноатӣ, баррасии талабот ва пешниҳодот, ки ки аз ҷониби кулли субъетҳои хоҷагидорӣ сурат мегирад арзёбӣ кардан зарур аст.

Дар асоси омӯхтани тавсияҳои Комиссияи Созмони Милали Муттаҳид, ки Стандарти байналмилалии таснифоти саноатӣ «ISIC»-и тамоми равандҳои бизнесро дар бар мегирад, доираи васеи соҳаҳои комплекси истеъмолии хоҷагии халқ пешниҳод карда мешавад [1,с.12].

Типологияи бахшҳои бозори истеъмолӣ дар маҷмӯъ муносибати мутамаркизро ба равандҳои тиҷорат муайян мекунад, ки он дорои аҳамияти назариявӣ ва методологию амалӣ аст.

Бояд гуфт, ки вазифаи асосии бозори истеъмолӣ қонеъ гардондани талаботи моддию пулӣ, маънавию фарҳангӣ, иҷтимоии аҳолӣ дар шакли мол ва хизмат мебошад. Дар ин самт баланд бардоштани арзиши ин неъматҳо тибқи талабу таклифҳои навъи истеъмолкунандагон ҷудо намудан зарур аст.

Дар ин вазъият бахшҳои ба ҳам алоқаманди бозори истеъмолӣ ҷолиби диққат мебошанд, ки онҳоро метавон чунин тавсиф кард:

- истеҳсолот - саноати вазнин, сабук ва хурокворӣ ва кишоварзӣ;
-соҳаҳои хизматрасонӣ - савдо, хизмати маишӣ, хӯроки умумӣ ва ғайра.

Зимнан бояд дар таркиби истеҳсолот ба молҳои зарурати аввал аҳамияти махсус додан лозим аст, зеро чунин маҳсулот талаботи истеъмолии аҳолиро бевосита қонеъ мегардонад ва бозори молҳои озуқавориро ғанӣ менамояд.

Ҷанбаи дигар хизматрасониҳои дорои хусусияти иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ба ҳисоб меравад, ки талаботи маънавии мардумро, қонеъ мегардонанд. Ба ин соҳаҳо маориф, фарҳанг, санъат, хизматрасонии тиббӣ, сайёҳӣ, варзиш дохил мешаванд [2 ,с.105-109].

Хусусияти идоракунии бозори истеъмолиро худи бозор муқаррар мекунад. Дар асоси ин, бозори истеъмолӣ ҳамеша аз ноустувории омилҳои бозор, қобилияти пардохтпазирии шаҳрвандон вобаста аст, зеро ҳамаи субъектҳои хоҷагидор танҳо барои қонеъ кардани талаботи истеъмолкунандагони махсулоти худ кор мекунанд.

Азбаски баъди гузариш аз иқтисодиёти нақшавӣ ба иқтисодиёти бозорӣ шаклҳои нави моликият, инчунин самтҳои нави онҳо арзи ҳастӣ карданд, муайян кардани намуди фаъолияти субъектҳо дар бозори фуруш кори хеле мураккаб ба ҳисоб мерафт.

Бояд қайд намуд, ки солҳои охир дар тамоми мамлакат вазни қиёсии корхонаҳои давлатӣ дар соҳаҳои бунёдии иктисодиёти бозори истеъмолӣ коҳиш ёфта истодаст. Солҳои 2011-2020 шумораи корхонаҳо дар саноат 35,71 % ва дар кишоварзӣ -11,54 %, дар савдо 2,41 баробар афзудааст, зиёдшавии маҳсулоти кишоварзӣ дар хоҷагиҳои ёрирасон мушоҳида мешавад [3, с.].

Дар мавриди бахши хусусӣ қайд кардан лозим аст, ки вазни қиёсии он дар ҳаҷми

умумии савдои чаканаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 68,0 % соли 1991 дар соли 2020 то 98,0 % афзуд. Дар бобати соҳаи хизматрасонӣ дар соли 2020 зикр кардан лозим аст, ки ҳиссаи моликияти хусусӣ ба 83,91 % аз расидааст. [3, С. 420 - 425 ]

Новобаста аз он дар низоми фаъолияти субъектҳои хоҷагидор тафовути куллӣ доранд. Ба ҷои тадбирҳое, ки истифодаи саҳмияҳои қобили қабулро дар бозори истеъмолӣ таъмин мекунанд, субъектҳои хоҷагидор бояд стратегияи функсионалии худро ба роҳ гузоранд, ки он дар танзими низоми фаъолият моҳиятан ба макросатҳ мегузарад.

Дар шароити муосир танзими бозори истеъмолӣ бо назардошти манфиатҳои таъминкунандагони маҳсулот, истеъмолгарони мол ва хизматрасонӣ, амалҳои функсионалии онҳо бо назардошти арзёбии мавқеъи рақобат, муайянкунии талабот ва пешниҳод бояд ба амал ҷорӣ карда шаванд.

Қатъи назар аз ин, хусусияти бозори истеъмолӣ бо назардошти ба вуҷуд овардани мувозинати манфиатҳо, ҳам танзими мустақим ва ҳам танзими бавосита давлатро пешбинӣ мекунад. Бояд қайд намуд, ки дар давоми солҳо сарфи назар аз давраҳои душворе, ки дар он истехсолот ва хизматрасонӣ катъ гардид, талаби истеъмолкунандагон ҳамеша боқӣ монд. Дар ин шароит олоти бозор ба иқтидори пурра кор намекунанд, бинобар ин барои таъмини ҳеҷ набошад маҷмӯи ҳадди ақалли талаботи аҳолӣ ба маҳсулоти истеъмолӣ ва хизматрасонӣ мусоидати давлат зарур аст.

Дар раванди ислоҳотҳои бозорӣ дар Тоҷикистон танзими давлатӣ бартарӣ дорад, аммо ин маънои онро надорад, ки давлат бевосита кулли муносибатҳои шаҳрвандонро дар бар гирад.

Дар замони пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мисли дигар кишварҳои ИДМ бозори истеъмолӣ амалан фаъолият намекард. Аммо дар солҳои охир дар ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатӣ тағйироти ҷиддӣ ба амал омад, ки дар ҷадвали 1 нишон дода шудааст [3, с.394-429].

**Ҷадвали 1**

**Динамикаи тағйирёбии шохисҳои ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2010-2020 (бо фоиз нисбат ба соли гузашта)**

| Соҳаҳо | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамаи саноат | **105,7** | **110,8** | **103,8** | **105,0** | **111,3** | **116,0** | **121,3** | **110,6** | **113,2** | **111,9** |
| аз ҷумла: | | | | | | | | | | |
| маъдани кӯҳӣ | 134,3 | 121,2 | 143,1 | 124,5 | 117,9 | 153,3 | 121,7 | 103,5 | 112,6 | 88,8 |
| истеҳсолот | 103,3 | 110,2 | 99,0 | 100,9 | 110,1 | 112,5 | 122,9 | 114,8 | 115,3 | 119,4 |
| Истеҳсол ва тақсими нерӯи барқ, газ ва об | 100,5 | 106,4 | 105,6 | 106,8 | 111,5 | 103,7 | 116,7 | 107,5 | 105,6 | 110,2 |

Тибқи додаҳои ҷадвали 1, болоравии шохиси молҳои саноатӣ аз 105,7 фоизи соли 2010 то ба 111,9 фоиз дар соли 2020 ба мушоҳида мерасад. Зимнан афзоиш дар соҳаҳои истихроҷ, коркард, истеҳсол ва тақсими нерӯи барқ, газ ва об мутаносибан 134,3% ва 88,8%; 103,3% ва 119,4 %; 100,5 % ва 110,2 %-ро ташкил дод.

Ҳангоми гузаронидани таҳлил омӯхтани тамоюли тағйирёбии сохтори соҳаҳои саноати Тоҷикистон муҳим ба шумор меравад. Натиҷаҳо дар ҷадвали 2 нишон дода шудаанд [3, с.497-500].

**Ҷадвали 2**.

**Тамоюли сохтори саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тӯли солҳои 2010-2020, бо %**

| | 2010 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Тамоми саноат | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 |
| Саноати маъдани кухӣ | 9,8 | 12,9 | 11,2 | 13,3 | 13,5 | 19,9 | 22,6 | 19,6 | 17,5 | 13,9 |
| Саноати коркард, аз ҷумла: | 70,7 | 68,8 | 69,5 | 66,1 | 65,6 | 62,1 | 58,8 | 56,6 | 57,7 | 61,7 |
| истеҳсоли хӯрокворӣ, аз ҷумла нушокӣ ва тамоку | 32,2 | 34,9 | 36,1 | 31,0 | 28,5 | 24,4 | 21,5 | 20,6 | 19,5 | 22,9 |
| саноати бофандагӣ ва дӯзандагӣ | 16,4 | 16,2 | 13,7 | 12,5 | 10,6 | 10,1 | 11,8 | 10,8 | 9,5 | 9,3 |
| истеҳсоли чарм, маснуоти чармин ва пойафзол | 0,1 | 0,2 | 0,1 | 0,2 | 0,3 | 0,3 | 0,3 | 0,3 | 0,2 | 0,3 |
| дигар соҳаҳои саноат | 0,1 | 0,2 | 0,2 | 0,4 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,4 | 0,5 |
| Истеҳсол ва тақсими қувваи барқ, газ ва об | 19,5 | 18,3 | 19,3 | 20,6 | 20,9 | 18,0 | 18,6 | 23,8 | 29,0 | 24,4 |

Сарчашма: дар асоси “Омори 30-солагии Истиқлолияти давлатӣ”. - Душанбе, 2021. с.497-500 тартиб дода шудааст.

Аз ҷадвали 2 дида мешавад, ки дар давраи зикршуда дар сохтори соҳаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйирот ба амал омадааст. Агар ҳиссаи саноати истихроҷ дар соли 2010 -9,8 фоизро ташкил дода бошад, пас дар соли 2020 он то ба  24,2 фоиз афзудааст, саноати коркард аз 70,7 % то 46,8 % коҳиш ёфтааст.

Дар арзёбии натиҷаҳои бозори истеъмолӣ ба динамикаи истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ, аз ҷумла нӯшокиҳо ва тамоку дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷои махсус дода мешавад. Натиҷаҳои таҳлил дар ҷадвали 3 оварда шудаанд [5, с.497-500].

**Ҷадвали 3**

**Динамикаи истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ, аз ҷумла нӯшокиҳо ва тамоку дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тӯли солҳои 2010-2020**

| Маҳсулот | 2010 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | Соли 2020 Нис бат ба соли |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|

| | | | | | | | | | | 2010, бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| гӯшт (аз ҷумла ҳамроҳи калапочаи навъи1), ҳазор тонна | 27,1 | 27,4 | 36,9 | 40,7 | 45,5 | 47,2 | 59,0 | 65,1 | 69,5 | 256,45 |
| гӯшти гов ва гӯсола, ҳазор тонна | 22,7 | 24,2 | 32,4 | 35,1 | 42,3 | 45,4 | 55,2 | 58,3 | 58,5 | 257,70 |
| гӯшти гӯсфанд, ҳазор тонна | 4,1 | 3,2 | 4,4 | 5,1 | 2,7 | 1,6 | 1,7 | 0,3 | 1,2 | 29,3 |
| гӯшти мурғ, ҳазор тонна | 0,1 | 0,0 | 0,1 | 0,5 | 0,5 | 0,2 | 2,1 | 6,5 | 10,3 | 103 марот. |
| маҳсулоти ҳасибӣ, тонна | 998 | 2083 | 3220 | 4116 | 4947 | 4942 | 4629 | 5039 | 7057 | 7,05 марот. |
| равғани чорво, тонна | 20,9 | 25,6 | 93,6 | 138,2 | 204,9 | 212,0 | 153,6 | 175,0 | 106,6 | 5,1 марот. |
| маҳсулоти шири холис ба ҳисоби шир, ҳазор тонна | 4,1 | 5,8 | 8,2 | 14,5 | 14,0 | 14,4 | 14,6 | 15,2 | 15,4 | 3,75 марот. |
| панир ва панири равғандор, тонна | 17 | 100 | 120 | 181 | 191 | 224 | 256 | 224 | 226 | 13,29 марот. |
| равғани рустанӣ, ҳазор тонна | 14,1 | 14,1 | 13,0 | 10,0 | 10,1 | 12,7 | 16,3 | 21,6 | 23,9 | 169,5 |
| консерва, млн. қуттии шартӣ | 51,0 | 69,9 | 31,4 | 16,1 | 22,1 | 22,7 | 23,6 | 27,1 | 62,4 | 122,35 |
| меваи хушк, тонна | 2329 | 1808 | 2135 | 1328 | 1792 | 1948 | 2929 | 3707 | 5303 | 159,30 |
| маҳсулоти қаннодӣ, ҳазор тонна | 3,9 | 6,3 | 10,7 | 14,5 | 15,7 | 19,1 | 13,9 | 15,3 | 17,4 | 2,27 марот. |
| маҳсулоти макаронӣ, ҳазор тонна | 2,5 | 4,0 | 6,9 | 5,9 | 4,3 | 4,6 | 4,4 | 3,4 | 6,0 | 2,4 марот. |
| нӯшокиҳои | 3477 | 5986 | 6576 | 6634 | 6727 | 708 | 11198 | 1268 | 1235 | 3,55 |

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| беспирт, ҳазор дкл. | | | | | | 7 | | 3 | 8 | марот . |
| оби маъданӣ, ҳазор дкл. | 1002 | 1318 | 1486 | 1364 | 1345 | 152 0 | 1533 | 1664 | 1232 | 166,0 6 |
| арақ ва шаробҳои ликёрӣ, ҳазор дкл. | 53 | 63 | 62 | 59 | 51 | 56 | 52 | 53,8 | 57,4 | 122,9 5 |
| шароби ангур, ҳазор дкл. | 21,5 | 16,4 | 16,0 | 9,1 | 10,7 | 10,9 | 13,1 | 10,1 | 16,4 | 76,28 |
| шампон, ҳазор дкл. | 0,7 | 0,1 | 0,1 | 0,07 | 0,11 | 0,10 | 0,4 | 0,2 | 0,1 | 14,28 |
| коняк, хазор дкл. | 2,2 | 2,6 | 1,8 | 1,1 | 1.2 | 1,9 | 2,0 | 2,0 | 1,1 | 50,0 |
| оби ҷав, ҳазор дкл. | 111,4 | 108,9 | 109,5 | 105,5 | 104,2 | 97,9 | 94,2 | 81,4 | 61,6 | 55,29 |
| сигарет ва папирос, млн. дона | 921 | 305 | 482 | 306 | 432 | 574 | 766 | 292 | 331 | 35,93 |

Тибқи маълумоти ҷадвали 3, дар маҷмӯъ, тӯли солҳои 2010-2020 афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ мушоҳида мешавад. Дар баробари ин, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти зерин кам шудааст: гӯшти гӯсфанд -7 %, консерва – 53,13%, шароби ангур – 46,97 %, шампон – 28,57 %, коняк – 91 %, оби ҷав – 73% ва сигарету папирос – 31,7%.

ҷузъи дигари муҳимме, ки ба вазъи бозори истеъмолӣ таъсир мерасонад, тағйирёбии ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти нассоҷӣ, дӯзандагӣ, пойафзол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад (Ҷадвали 4) [3, с.497-500].

**Ҷадвали 4**

**Динамикаи истеҳсоли маҳсулоти нассоҷӣ, дӯзандагӣ, пойафзол дар Тоҷикистон тӯли солҳои 2010-2020.**

| Маҳсулот | **2010** | **2013** | **2014** | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **Соли 2020 нисбат ба соли 2010, бо %** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| газвор - ҷамъ, млн. $м^2$ | 26,7 | 19,8 | 19,8 | 9,2 | 2,9 | 4,3 | 8,7 | 9,3 | 9,6 | 35,95 |
| газвори пахтагин | 25,6 | 18,1 | 18,2 | 8,4 | 2,5 | 3,3 | 7,5 | 9,3 | 7,4 | 28,90 |
| шоҳивор | 0,07 | 0,07 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,01 | 0,02 | 0,02 | 0,02 | 28,57 |
| газворҳои нобофтаи газвормонанд | 1,0 | 1,6 | 1,6 | 0,8 | 0,4 | 0,5 | 1,2 | 2,2 | 2,2 | 220 |
| Ҷӯроб ва пайпоқ, млн ҷуфт | 5,7 | 1,0 | 1,7 | 1,7 | 2,8 | 3,8 | 5,7 | 4,1 | 7,8 | 136,84 |

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| маҳсулоти кешбофӣ, млн.дона | - | 0,03 | 0,02 | 0,3 | 0,4 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,2 | 200 марот. |
| қолин ва маҳсулоти қолинӣ, млн. $м^2$ | 0,6 | 1,4 | 1,8 | 1,2 | 1,7 | 2,8 | 3,4 | 3,9 | 2,7 | 4,5 марот. |
| пойафзол, млн. ҷуфт | 0,03 | 0,09 | 0,1 | 0,08 | 0,09 | 0,1 | 0,1 | 0,9 | 1,0 | 33 марот. |
| пойафзоли резинӣ, млн. ҷуфт | 0,4 | 0,3 | 0,3 | 0,4 | 0,4 | 0,7 | 0,7 | 0,8 | 0,8 | 2 марот. |
| нахи пахта, ҳазор тонна | 95,0 | 112,0 | 105,0 | 98,4 | 85,0 | 112,0 | 98 | 102,7 | 101,6 | 106,94 |
| чигит, ҳазор тонна | 162,0 | 181,0 | 168,3 | 158,0 | 133,2 | 180,0 | 151 | 156 | 156 | 96,29 |

Аз ҷадвали 4 чунин бармеояд, ки дар давраи мавриди баррасӣ ҳаҷми истеҳсоли газвор: газвори пахтагин, шоҳивор, ҷӯробу пайпоқ, чигит мутаносибан 65,17; 63,67; 71,43; 3,71 % кам шудааст, истеҳсоли дигар молҳо бошад, афзоиш ёфтааст.

Дар маҷмӯъ, пас аз соли 2000-ум бо назардошти ба эътидол даромадани вазъи иҷтимоию сиёсӣ ва иқтисодии Тоҷикистон афзоиши мусбати сатҳи бозори истеъмолӣ мушоҳида мешавад.

Бояд қайд кард, ки дар бозори истеъмолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маҳсулоти кишоварзӣ, ки тамоми шаклҳои моликият аз давлат то корхонаҳои хусусӣ истеҳсол мекунанд, ба сабабҳои зерин диққати асосӣ дода мешавад:

- аксарияти аҳолӣ дар деҳот зиндагӣ мекунанд, ки дар он ҷо маҳсулоти кишоварзӣ истеҳсол ва коркард мешавад;

-маҳсулоти кишоварзӣ дар бозори истеъмолӣ дар сохтори ММД-и Тоҷикистон нисбат ба дигар молҳо ҳамеша ҷойи асосиро ишғол мекард;

- дар худи таркиби бозори истеъмолӣ маҳсулоти озуқаворин кишоварзӣ ҷои асосиро ишгол мекунад.

Хусусиятҳои хоси бозори истеъмолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба омӯзиши равишҳои танзими истеҳсолоти кишоварзӣ, ҳамчун яке аз омилҳои асосии муайянкунандаи талабот ва пешниҳод дар бозор вобаста аст.

Дар шароити ҳозира хоҷагиҳои деҳқонӣ умуман 64,5 фоизи маҳсулоти кишоварзӣ, аз ҷумла 91,8 фоизи чорводорӣ ва 61,1 фоизи рустанипарвариро истеҳсол мекунанд. Ба туфайли ислоҳоти иқтисодӣ дар соҳаи кишоварзӣ, онҳо дар таъмини истиқлолияти озуқаворин кишвар тамоюли мусбати рушд ва устувории ин соҳаро фароҳам овარданд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар аз 65 фоизи талаботашро ба ғалла аз ҳисоби имкониятхои худ таъмин мекунад. Аммо вазъияти ҳозираи соҳа як қатор мушкилиҳо дорад, ки ба рушди минбаъдаи кишоварзии мамлакат имконият намедиҳад. Яке аз ин мушкилот бақайдгирии ҳуқуқи моликияти хусусӣ ба замин ба шумор меравад. Сабаби дигари ба миён омадани чунин мушкилот дар рушди кишоварзӣ зиёд будани шумораи андозҳо мебошад [4, с.12 -17].

Набудани механизми дуруст, инчунин истифодаи нодурусти замин дар давраи гузашта вазъи экологиро дар минтақаҳо мушкил гардонид.

Тибқи маълумоти омории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мамлакат тӯли солҳои 2011-2020 ҳаҷми

истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар ҷумҳурӣ 43,29 фоиз афзуд [3,с. 420-425]. Ин, дар навбати худ, бо фаъолияти самараноки бахши хусусӣ ва дастгирии бевоситаи давлат алоқаманд аст.

Ба андешаи мо, истифодаи оқилонаи андозбандӣ самти асосии танзими фаъолияти иқтисодиёти кишоварзӣ мебошад. Низоми содашудаи андоз, як шакли дастгирии давлат ба шумор меравад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи механизми андозситонӣ ҳоло ҳам бо пуррагӣ мувофиқи шароити имрӯза нест. Объекти андози ягона майдони замин мебошад, ки дар он маблаҒи андоз аз натиҷаи фаъолият вобаста нест ва дар шакли пардохтҳои устувор ба воҳиди масоҳати замин дар як сол муқаррар карда мешавад. Ҳамаи ин, бешубҳа, ба фаъолияти сермаҳсули хоҷагиҳои деҳқонӣ дар раванди нигоҳ доштан ва барқарор намудани қобилияти хосилхезии замин ангезиш мебахшад. Дар навбати худ, дар давраи хушксолӣ ва обхезӣ ё дигар ҳолатҳои ғайричашмдошт кишоварзони маҳаллӣ бо назардошти пардохти ҳатмии андоз имкони молии ҳатто такрористеҳсолии одиро надоранд.

Роҳи халосӣ аз ин вазъият, ба фикри мо, ҷорӣ намудани низоми тафриқавии суғуртаи кишоварзӣ мебошад, ки он бояд барои онхое, ки дар минтақаи зироаткории хавфнок қарор доранд, ҳатмӣ бошад. Барои онҳое, ки ба рустанипарварӣ машғуланд, ин усул бояд на бештар аз 3 сол эътибор дошта бошад.

Дар баробари ин қайд кардан лозим аст, ки сарфи назар аз динамикаи мусбати рушд дар соҳаи кишоварзӣ душвориҳо низ мавҷуданд.

Ба андешаи мо, омилҳои зерин суръати афзоиши кишоварзиро суст мекунанд:

- истифодаи тухмии барои истифода мувофиқ ва ё пастсифат;
- сатҳи пасти мубориза зидди ҳашароти зараррасон;
- сари вақт дарав накардани ҳосил ба сабаби нарасидани техника, сӯзишворӣ ва ғайра.

Дастгирии давлат имкон дод, ки мушкилоти амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолии деҳот бо озуқа ҳал карда шавад.

Дар дурнамо баланд бардоштани нақши бахши аграрӣ дар ҳалли масоили озуқавории бозори истеъмолӣ иштироки фаъолона ва нишонрасии давлатро талаб мекунад. Таҷрибаи кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон нишон медиҳад, ки бидуни иштироки давлат дар соҳаи кишоварзӣ ба натиҷаҳои назаррас ноил шудан хеле душвор аст.

Дар асоси гуфтаҳои боло, танзими давлатӣ бояд ҳадафмандона бошад, ки ба вазъи кунунии бозори истеъмолӣ ва афкори шаҳрвандон тез вокуниш зоҳир намояд.

Ба назар чунин мерасад, ки хоҷагиҳои хонаводагӣ бояд ҳамчун субъекти комилҳуқуқи иқтисодиёт, амалан ҳамчун як соҳаи мустақили хоҷагии халқ, воҳиди институтсионалӣ, ки дар навбати худ объекти низоми танзими давлатӣ мебошад, баромад кунанд.

Албатта, дар ҳар давлат «иқтисоди пинҳонӣ» вуҷуд дорад ва баҳисобгирии ҳаҷми он дар навбати худ метавонад дуруст ба роҳ мондани танзими фаъолияти бозори истеъмолиро таъмин намояд.

Самти дигари таъмини босуботи комплекси истеъмолӣ рушди соҳибкорӣ ва ҳамаи шаклҳои он барои бо маҳсулот ва хизматрасонӣ қонеъ гардонидани бозори истеъмолӣ ба ҳисоб меравад [5, с.122 -123].

Ташаккули соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон давра ба давра эҳё гардид. Марҳалаи якуми ташаккули соҳибкорӣ ба охири солхои 80-уми асри гузашта рост меояд. Дар ин солҳо низоми аввалини иштиғоли меҳнатии инфиродӣ ва ҳаракати кооперативӣ эҳё гардид, ки он, пеш аз ҳама, бозори истеъмолиро фаро гирифт. Дар ибтидои солҳои навадуми асри гузашта иштиғоли инфиродӣ тақрибан 8000 нафарро дар бар гирифта, шумораи субъектҳои соҳибкории хурд беш аз 2500 ададро ташкил кард. Дар ҳамон солҳо

аввалин корхонаҳои кооперативӣ ба вуҷуд омадаанд, имрӯз бошад онҳо намунаи ҳамгироии байналмилалӣ дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ мебошад. Ин боиси оғози институтсионализатсияи фаъолияти иқтисодии корхонаҳои хурд, муштарак ва соҳибкории инфиродӣ гардид, ки дар ибтидои солҳои 90-ум вусъат пайдо карда буд.

Омили муҳимми рақобатпазирии сусти шаклҳои хурди фаъолияти соҳибкорӣ мавҷуд набудани барномаи мушаххаси танзими давлатии чунин фаъолият дар он давра буд. Тамоми низоми соҳибкории хурд худ аз худ инкишоф ёфт, зеро пояи дахлдори меъёрии ҳуқуқӣ надошт. Тартиби бақайдгирии субъектҳои соҳибкорӣ раванди мураккаб ва гаронарзиш буд. Амалан низоми дастгирии иқтисодии давлатӣ вуҷуд надошт. Дастрасӣ ба захираҳои бонкӣ ба сабаби гаронии кредит ва монеаҳои бюрократӣ комилан ғайри қобили қабул буд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷмӯъ дар солҳои 2010-2020 афзоиши шумораи корхонаҳои хурди амалкунанда, шумораи миёнаи кормандон, даромад аз фурӯши маҳсулот (кор, хизмат)дар як сол ва фонди музди кор ба мушоҳида мерасид. Дар тамоми кишвар шумораи хоҷагиҳои деҳқонии ба қайд гирифташуда 2,82 баробар афзуд, майдони заминҳои кишоварзӣ ва андозаи миёнаи қитъаи замин мутаносибан 2,01 фоиз ва 65,33 фоиз кам шуд. Ин асосан ба ташкили хоҷагиҳои нави деҳқонӣ дар асоси тақсимоти онҳо дар тамоми минтақаҳои кишвар вобаста аст. Дар давраи зикршуда шумораи шаҳрвандоне, ки ба фаъолияти инфиродии меҳнатӣ, машғул буданд, 2,34 баробар афзоиш ёфт. Дар баробари ин, дар муассисаҳои хизмати маишӣ, савдо ва хӯроки умумӣ, мутаносибан 2,6; 6,9 ва 5,0 коҳиш ёфт.

Омили асосии таъмини фаъолияти самараноки субъектҳои хоҷагидор ва баланд бардоштани нақши онҳо дар низоми бозори истеъмолӣ ислоҳоти низоми андоз ва молиявию қарзии давлат мебошад, ки дар раванди қонеъ гардонидани талабот ва пешниҳоди молу хизматрасониҳо дар бозори истеъмолӣ мебошад. Меъёри прогрессивии андоз аз даромад, аввалан, метавонад садди роҳи ба фаъолияти соҳибкории соҳибкор гардад дуюм, соҳибкоронро водор созад, ки ҳангоми пешниҳоди эъломияи андоз нишондиҳандаҳои даромадро коҳиш дода, даромади воқеии худро пинҳон кунанд.

Имрӯз дар шароити рақобати беадолатона чи дар бозорҳои дохилӣ ва чи дар бозорҳои хориҷӣ сатҳи таваккал зиёд мешавад ва, аз ин рӯ, масъалаҳои марбут ба суғуртаи тиҷоратӣ аҳмияти беш аз пеш касб зиёд мекунад. Он бояд қисми таркибии стратегияи ташаккули инфраструктураи молиявии комплекси истеъмолӣ гардад.

Хулоса, хусусияти танзими бозори истеъмолӣ ба вижагиҳои фаъолияти бозор дар раванди алоқаҳои мутақобилаи фаъоли бозорӣ бо назардошти талаботи шаҳрвандон вобаста аст, зеро дар шароити бозор фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ пурра ба эҳтиёҷот нигаронида шудааст. Дар маҷмӯъ ташкили дурусти фаъолияти бозори истеъмолӣ дар рафти ислоҳоти иқтисодӣ ба раванди амалӣ шудани Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи 2030 мусоидат мекунад.

### *Пайнавишт:*


1. *Макекадырова А.С., Тарханов А.В. Потребительский комплекс национальной экономики. – Москва: Изд-во Рос. экон. акад., 1999. – С.12.*
2. *Национальная экономика России: потенциал, комплексы, экономическая безопасность / В.И. Волков и др. Под общ. ред. В.И. Лисова. - Москва: ОАО «НПО «Экономика»», 2000. – 238 с.*
3. *Тоҷикистон: Омори 30-солагии Истиқлолияти давлатӣ. - Душанбе, 2021. – 704 с.*
4. *Султонов З.С. Роль малых форм предпринимательской деятельности в экономическом росте и сокращении уровня бедности в Республике Таджикистан/*

*Султонов З.С., Саидова М.Х., Абдуллоев А.Б., Махмудов М.А.// Вестник Таджикского государственного университета коммерции. - Душанбе: Сумани Кудрат. - 2018. - № 1(22). - С. 12-17.*

5. *Факирзода Х.Н. Потребительский рынок: состояние и перспективы. Монография. - Душанбе: Ирфон, 2019. – 284 с.*

**Reference Literature:**

1. ***Makekadyrova A.S., Tarkhanov A.V.*** *Consumer Complex of National Economy. – M.: Publishing-house of the Russian Academy of Economics, 1999. – P.12.*
2. ***National Economy of Russia:*** *Potential, Complexes, Economic Security/V.I. Volkov et alia Under the general editorship of V.I. Lisov. – M.: JSC- NGO "Economies", 2000. – 238 pp.*
3. ***Tajikistan:*** *30 Years of State Independence. Statistical collection. Statistical Annual of the Republic of Tajikistan. Dushanbe, 2021. – 704 pp.*
4. ***Sultonov Z.****S. The Role of Small Businesses in Economic Growth and Poverty Level Reduction in the Republic of Tajikistan/Sultonov Z.S., Saidova M.Kh., Abdulloev A.B., Makhmudov M.A.//Bulletin of the Tajik State University of Commerce. – Dushanbe: "Sumani Kudrat", 2018 # 1 (22). – pp. 12-17.*
5. ***Fakirzoda H.****N. Consumer Market: State and Prospects. Monograph. – Dushanbe: Cognition – 2019. – 284 pp.*